# ПРОТОКОЛИ №8
## маҷлиси шурои ҳимояи якдафъаинаи диссертатсионии 6D.КОА-0-57 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи АМИТ

аз 19-уми июни соли 2025 ш.Душанбе

**Дар маҷлис иштирок доштанд:**
аз 17 нафар аъзои шуро 16 нафар

**Раиси шуро:** доктори илмҳои геология ва минералогия Валиев Ш.Ф.

Аз 17 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.04.2025, №161/ҳя тадсиқгардида 16 нафар иштирок доранд, ки аз инҳо 4 нафарашон докторони илм ва 2 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд.

Пешниҳод шуд, ки маҷлиси шуро гузаронида шавад. Муҳтарам аъзои шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест.

Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

## РӮЗНОМАИ МАҶЛИС:

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Каримова Мадина Давроновна доктор (PhD)-и кафедраи геоэкология ва методикаи таълими Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров» дар мавзуи «Хусусиятҳои ташкили туризми экологӣ дар ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшавандаи вилояти Суғд (Дараи Сабз) ва таъсири он ба устуворияти геоэкологӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D091100 – Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (6D091100.02 – Соҳаи илмҳои география).

## ШУНИДА ШУД:

Раиси комиссияи экспертӣ доктори илмҳои геология ва минералогия, и.в. профессор Ғафуров Ф.Г. аъзоёни комиссияи экспертӣ номзади илмҳои геология ва минералогия Саидраҳмонзода С.С. ва номзади илмҳои география, дотсент Қаландаров А.А. оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Каримова М.Д. дар мавзуи «Хусусиятҳои ташкили туризми экологӣ дар ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшавандаи вилояти Суғд (Дараи Сабз) ва таъсири он ба устуворияти геоэкологӣ» ибрози андеша намуда, қайд карданд, ки диссертатсияи мазкурро барои ҳимоя қабул намудан мумкин аст.

Шурои ҳимояи якдафъаинаи диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи экспертиро оид ба диссертатсияи Каримова Мадина Давроновна

доктор (PhD)-и кафедраи геоэкология ва методикаи таълими Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров» дар мавзуи «Хусусиятҳои ташкили туризми экологӣ дар ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшавандаи вилояти Суғд (Дараи Сабз) ва таъсири он ба устувории геоэкологӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D091100 – Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (6D091100.02 – Соҳаи илмҳои география) пешниҳод шудааст, шунида, баррасӣ карда,

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:**

1. Диссертатсияи Каримова М.Д. дар мавзуи «Хусусиятҳои ташкили туризми экологӣ дар ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшавандаи вилояти Суғд (Дараи Сабз) ва таъсири он ба устувории геоэкологӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D091100 – Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (6D091100.02 – Соҳаи илмҳои география) ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

- Мамадризохонов Акбар Алихонович – доктори илмҳои биология, профсессори кафедраи география ва сайёҳии Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев;
- Раҳимов Саидаброр Ассоевич – номзади илмҳои география, муаллими калони кафедраи географияи табиии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

3. Ба сифати муассисаи пешбар Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» таъин гардид.

4. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Муассиса ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

6. Таърихи баргузории ҳимоя 29.08.2025, соати $10^{00}$ муқаррар карда шавад.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** тарафдор – 16 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест. **Якдилона қабул карда шуд.**

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои геология ва минералогия — Валиев Ш.Ф.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои техникӣ — Ғайратов М.Т.

Имзои Валиев Ш.Ф. ва Ғайратов М.Т.-ро
тасдиқ мекунам: Сардори Раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДМТ — Тавқиев Э.Ш.
20.06.2025 с.